Аммо ман шуморо аз рӯйи иттиҳом (ба дурӯғ гуфтан) қасам надодам ва лекин Ҷабраил ба назди ман омад ва огоҳам кард, ки Аллоҳ Азза ва Ҷалла бо шумо дар байни фариштагон фахр мекунад

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Муовия ба гурӯҳе аз мардум, ки дар масҷид ҳалқа зада буданд расид ва ба онҳо гуфт: Чӣ чиз шуморо инҷо нишонда аст? Гуфтанд: Нишастаем, зикри Аллоҳро мегӯем. Гуфт: Оё ба Аллоҳ савганд, ҷуз барои ин кор нанишастаед? Гуфтанд: Ба Аллоҳ қасам ҷуз барои ин кор нанишастаем. Гуфт: Ман барои он аз шумо савганд нахостам, ки шуморо муттаҳам созам ва касе дар манзилати ман аз Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нест, ки камтар аз ман аз он Ҳазрат ҳадис ривоят карда бошад: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз хона ба назди гурӯҳе аз асҳобаш баромаданд ва фармуданд: "Чӣ чиз шуморо инҷо нишонда аст?" Гуфтанд: Нишастаем зикри Аллоҳро мегӯем ва Ӯро барои он ки моро ба Ислом ҳидоят кард ва барои он чи бар мо миннат ниҳод, шукр мегӯем. Он Ҳазрат фармуданд: "Оё савганд ба Аллоҳ, ки чизе ҷуз ин шуморо нанишондааст?" Гуфтанд: Савганд ба Аллоҳ, ки чизе ҷуз ин моро нанишондааст. Фармуданд: "Аммо ман шуморо аз рӯйи иттиҳом (ба дурӯғ гуфтан) қасам надодам ва лекин Ҷабраил ба назди ман омад ва огоҳам кард, ки Аллоҳ Азза ва Ҷалла бо шумо дар байни фариштагон фахр мекунад."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Муовия ибни Абусуфён (разияллоҳ анҳумо) назди гурӯҳе омад, ки дар масҷид ҳалқа зада буданд ва аз онон пурсид, ки барои чӣ ҷамъ шудаанд. Гуфтанд: Аллоҳро зикр мегӯем. Пас Муовия (разияллоҳу анҳу) онҳоро қасам дод, ки нишастанашон ҷуз барои зикр кардан нест? Онон низ барои ӯ савганд хӯрданд. Сипас ба онҳо гуфт: Ман аз рӯйи иттиҳоми шумо бар дурӯғ ё шак шуморо қасам надодам. Сипас ба баёни ҷойгоҳи худ нисбат ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пардохт ва ин ки касе монанди ӯ ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) наздик набуд. Зеро ӯ бародари ҳамсари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), Умми Ҳабиба буд ва инчунин нависандаи ваҳй буд ва бо вуҷуди ин ҳадиси кам ривоят кардааст. Пас ин ҳадисро аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барояшон ривоят кард, ки рӯзе Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз хонаашон берун омаданд ва асҳобашонро диданд, ки дар масҷид Аллоҳро барои ҳидоят карданашон ба Ислом ва миннат гузоштанаш бар онон зикр ва шукр мегӯянд. Пас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) монанди Муовия аз онҳо пурсид ва ононро қасам дод. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи сабаби пурсидан ва савганд додани онон чунин фармуд, ки Ҷабраил ба назди эшон омад ва хабар дод, ки Аллоҳ Азза ва Ҷалла бо шумо назди фариштагон фахр мекунад ва фазилату амали некатонро ба онон нишон медиҳад ва шуморо назди фариштагон

ситоиш мекунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3007